аз 21.12.2024, №24255/4.1.2 «д»

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

«Доир ба коргарони кироям
хоҷагиҳои деҳқонӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати роҳ надодан ба дахолатҳои беасос ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда (минбаъд - хоҷагиҳои деҳқонӣ) дар мавриди истифодаи техникаи кишоварзӣ барои корҳои агротехникӣ, мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ирсол менамояд.

Бояд қайд намуд, ки вақтҳои охир муроҷиатҳои зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар мавриди аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар фаъолияти онҳо ҳисоб намудани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ҷалби тракторҳо ва дигар техникаи кишоварзии дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва талаби пардохти андозҳо ҳамарӯза ба Кумитаи андоз ворид гардида истодааст.

Тибқи талаботи банди 12 замимаи 1 Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151), барои фаъолияти «шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ ва комбайнҳо» ҳуҷҷати соҳибкорӣ дар шакли патент пешбинӣ карда шудааст.

Омӯзиш ва баррасии муроҷиатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ нишон медиҳанд, ки шахсоне, ки дар хоҷагӣ корҳои агротехникиро иҷро намудаанд, аксарияти онҳо ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта шудаанд ва (ё) дар дигар ҳолат техникаи кишоварзии мазкур моликияти сарвар ва (ё) саҳмдори хоҷагии деҳқонӣ мебошад.

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 382 Кодекси андоз даромадҳои аз фаъолияти кишоварзии аъзои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод мебошад. Яъне, аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ барои корҳои агротехникии қитъаҳои замини худ истифода гардидани техникаҳои кишоварзӣ, ки дар ихтиёри хоҷагӣ мебошад, бо андоз аз даромад андозбандӣ карда намешаванд.

Ҳамзамон, дар мавриди аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ бо техникаи кишоварзии дар ихтиёри хоҷагӣ буда, анҷом додани корҳои агротехникии дигар хоҷагиҳои деҳқонӣ, чунин даромадҳо аз фаъолияти ғайрикишоварзӣ эътироф гардида, тибқи муқаррароти банди 6 моддаи 382 Кодекси андоз бо андози низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади роҳ надодан ба қонунвайронкуниҳо, кам кадани муроҷиатҳо дахолати кормандони мақомоти ҳудудии андоз ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва пешгирии баҳсҳои беасос мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои корҳои агротехникӣ техникаи кишоварзиро ҷалб менамоянд, аз андозбандӣ намудани он бо андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ пурра худдорӣ намоянд.

Ҳангоми ошкор гардидани дахолати беасос ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва (ё) ҳисоби андозҳо, ки боиси ба миён омадани омили баҳс мегарданд, нисбати корманде, ки ба камбудиҳо роҳ додааст, ҷазои қатъии интизомӣ татбиқ карда мешавад.

Мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки маълумотҳоро доир ба соҳибони тракторҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда аз сохторҳои зертобеъи Вазорати кишоварзӣ дар маҳалҳо дастрас намуда, барои бақайдгирии чунин шахсон ба сифати соҳибкори инфиродӣ тибқи патент чораҷӯӣ намоянд.

Сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки кормандони худро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, дар ин хусус бо хоҷагиҳои деҳқонӣ, семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, барои татбиқи дурусти муқаррароти қонунгузорӣ чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода